## Тақризи роҳбари илмӣ

**ба диссертатсияи аспиранти Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон**

Диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна ба таҳқиқи низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ, ки яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосири эронӣ маҳсуб мешавад, бахшида шудааст.

Мавзуи ҷонишинҳои забони вахонӣ дер боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Хусусиятҳои умумию таснифоти аввалияи ҷонишинҳои ин забон дар очеркҳои грамматикии Д.Л.Лоример, Т.Н.Пахалина, А.Л.Грюнберг, И.М.Стеблин-Каменский ба таври мухтасар баён шуда, баъзе ҷанбаҳои он аз назари муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ дар мақолоти Г.Моргенстиерне ба доираи баҳси илмӣ кашида шудаанд, аммо сарфи назар аз ин, низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ то ба ҳол ба таври амиқу густарда ва ба сурати монографӣ мавриди таҳқиқу таҳлили илмӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мавзуи диссертатсияи Неъматова Б.М. аҳамияти басо бузурги илмиро касб карда, нахустин таҳқиқоти густарда дар ин соҳа ба шумор меравад. Диссертант бори аввал дар илми забоншиносӣ ҷонишинҳои забони вахониро ба сурати як система (низом)-и грамматикӣ, дар алоқамандӣ бо ҳамдигар ва бо соири ҳиссаҳои нутқ таҳқиқу таҳлил намуда, хелҳои луғавию грамматикӣ, хусусияти морфологию категорияҳои грамматикии онҳоро нишон дода, вижагиҳои корбурди синтаксисии ҷонишинҳои ин забонро бар пояи маводи фаровони забонӣ баррасӣ мекунад.

Таҳқиқу баррасии низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ, аввалан, барои ба таври амиқу дақиқ баррасӣ намудани сохтори дастурии ҷонишинҳо, нишон додани хусусиятҳои семантикию грамматикӣ ва шаклҳои категориалии онҳо дар ин забон мусоидат менамояд. Сониян, ба сурати монографӣ таҳқиқ гардидани низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ барои муайяну мушаххас

сохтани манзараи умумии таҳаввули ҷонишинҳо дар забонҳои эронии шарқӣ кӯмак мекунад.

Натиҷаҳои назариявии таҳқиқот барои таҳқиқи минбаъдаи хусусиёти сохторию корбурдии ҷонишинҳо дар дигар забонҳои муосири эронӣ, бахусус забонҳои шохаи шарқии онҳо метавонад ба сифати матолиби заминавӣ хидмат намояд. Натоиҷи амалии он метавонад ҳангоми таҳияи барномаҳо ва дастурҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи забон, муқаддимаи филологияи эронӣ, забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ ва ҳамчунин зимни баргузории курсу семинарҳои тахассусӣ оид ба забонҳои эронии шарқӣ дар риштаҳои филологии муассисоти таҳсилоти олӣ мавриди истифода қарор гирад.

Бинобар ин мавзуеро, ки аспирант Неъматова Б.М. таҳти унвони «Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ» ба ҳайси кори илмӣ интихоб намудааст, ҳамаҷиҳата ҷолиби диққат ва қобили дастгирист.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар кадоми онҳо фарогири зербобҳо мебошанд, ҳамчунин, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар **муқаддима**, тибқи муқаррарот, роҷеъ ба аҳамияти мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши он, методҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, масоили ба ҳимоя пешниҳодшаванда, сохтори диссертатсия муфассал маълумот дода шудааст.

Боби аввали диссертатсия **«Асосҳои назариявии омӯзиши масъалаи низоми ҷонишинҳо»** номгузорӣ шуда, дар он паҳлуҳои гуногуни назариявии проблемаи ҷонишинҳо ва мубоҳисоти илмии перомуни он дар забоншиносии муосир таҳқиқу таҳлил гардидааст. Дар се фасли ин боб доир ба асосҳои назариявии масоили мухталифи марбут ба ҷонишинҳо ва сохтори семантикию дастурии онҳо дар осори забоншиносии муосир изҳори андеша шуда, диссертант назароти пажуҳишгаронро дар бораи ҷанбаҳои гуногуни ин мавзуъ таҳлил карда, ҳамзамон нуқтаи назари худро доир ба онҳо бо далелҳои зарурӣ баён менамояд.

Дар ду фасли боби дуюми диссертатсия, ки **«Ҷонишинҳои шахсӣ»** унвон дорад, перомуни хусусиятҳои дастурии ҷонишинҳои шахсӣ ва ҷонишинҳои нафсӣ-таъкидӣ, ки дар грамматикаи муосир ҳамчун ҷонишинҳои ифодакунандаи шахс дида баромада мешаванд, ҳамчунин шохисҳои категориалии онҳо ва корбурдашон ба сурати эргативӣ ибрози назар шудааст.

Дар боби сеюм, ки **«Ҷонишинҳои ғайришахсӣ»** унвон гирифтааст, доир ба хусусиятҳои луғавӣ-семантикӣ ва грамматикии ҷонишинҳои ишоратӣ, саволӣ, номуайянӣ, манфӣ, ҷонишинҳои таъйинӣ ва ҷонишинҳои муштарак сухан рафтааст.

Муаллиф дар шаш фасли дохилии боби мазкур бо иттико бар маводи фаровони забонӣ хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикии ин ҷонишинҳоро ба таври амиқу густарда баррасӣ намуда, дар ҷадвалҳо хусусиятҳои сохтории онҳоро ба таври айёнӣ нишон додааст.

Натиҷаи асосии мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои илмии бобҳои дохилии кори диссертатсионӣ дар қисмати хулоса ба сурати зарурӣ ҷамъбаст гардида, дар феҳристи адабиёт тамоми сарчашмаҳо ва осори марбут ба мавзуи диссертатсия тибқи тақозои стандарти давлатӣ ҷо дода шудаанд.

Диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 - Назарияи забон пешниҳод гардидааст, кори илмии пурра анҷомёфта буда, муаллифи он ба иҷрои мақсад ва вазифаҳое, ки зимни пажуҳиши мавзуъ дар назди худ қарор додааст, ноил гардидааст.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи унвонҷӯ муҳтавои диссертатсияро тибқи тақозо инъикос намудаанд. Дастгоҳи илмии диссертатсия ба меъёрҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ,

авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия”, ки бо қарори Раёсати КОА ҶТ аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқ аст.

Бо таваҷҷуҳ ба нуктаҳое, ки дар боло зикр шуданд, диссертатсияи Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна дар мавзуи «Низоми ҷонишинҳои забони вахонӣ» ҳамчун кори илмии бaанҷомрасида ва посухгӯйи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ва ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири шуъбаи забонҳои бостон ва ориёии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ____________ Мирбобоев А.

16.03.2023

Нишонӣ: 734025 Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
E-mail: www. iza. tj; тел: 992 227-75-07, 992 227-75-50

Имзои Мирбобоев Азизхонро тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ____________ Назриқулова Ҳ.